ТАСДИҚ МЕКУНАМ:

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_____ Насриддинзода Э.С.
«02» 07 2026

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори СММ ва дурнамои он (солҳои 2003-2025)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна дар кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия, Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин унвонҷӯи кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин соли 2012 ба факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2017 онро ҳамчун мутахассис аз рӯйи ихтисоси минтақашиносии хориҷӣ хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ соли 2017 дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳайси ассистент фаъолияти меҳнатиашро шуруъ намудааст. Аз соли 2022 инҷониб ба ҳаси ассистенти кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекунад.

Дар асоси фармоиши Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 18 майи соли 2023, таҳти №159-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи минтақашиносии хориҷӣ факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори СММ ва дурнамои он (солҳои 2003–2023)» дар ҷаласаи шурои олимони факултети муносибатҳои байналмилалии ДМТ (суратмаҷлиси №5, аз 03 июни соли 2023) тасдиқ шудааст. Пас аз баррасӣ ва муҳокима бо пешниҳоди мутахассисони соҳа ва бо назардошти маводди диссертатсия доираи хронологии таҳқиқот иваз карда шуд. Аниқтараш, номи мавзуъ «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори СММ ва дурнамои он (солҳои 2003–2025)» тағйир дода шуд (суратмаҷлиси №10, аз 24.06.2026).

Роҳбари илмии унвонҷӯй номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарипов А.Н. мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳони номзадӣ аз 13.07.2026 №283 тасдиқ гардидааст. Аз ҷумла, аз фанни «Таърихи фалсафаи илм» баҳои – 4 (хуб), аз фанни «Забони хориҷӣ» баҳои – 4 (хуб) ва аз фанни «Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна» баҳои – 5 (аъло) гузошта шудааст.

Диссертатсияи Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори СММ ва дурнамои он (солҳои 2003-2025)» дар ҷаласаи кафедраи минтақашиносии хориҷӣ факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2026, таҳти №10 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори СММ ва дурнамои он (солҳои 2003-2025)» чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори СММ ва дурнамои он (солҳои 2003-2025)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна мутобиқат менамояд.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти дисертатсионӣ дар доираи мавзуи Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти унвони «Асосҳои назариявӣ ва амалии минтақашиносии хориҷӣ ва нақши минтақаи Осиёи Марказӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ» барои солҳои 2021-2025 таҳия шудааст.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмии муаллиф нашр гардидааст, ки аз ин шумора 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 адади дигар дар маҷмуаи мақолаҳо ва маводди конференсияҳо ва 1 мақола дар хориҷи кишвар ба табъ расидааст. Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавҷудияти санадҳои тасдиққунанадаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот вобаста ба дипломатияи об дар замони муосир, дар партави афзоиши таҳдидҳои марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии

захираҳои обӣ ва мураккабшавии муносибатҳои байнидавлатӣ рӯз то рӯз бештар мегардад. Натиҷаҳои чунин таҳқиқот метавонанд дар самтҳои гуногун мавриди истифода қарор гиранд, аз ҷумла дар ташаккули курсҳои махсуси таълимӣ оид ба дипломатияи об, низоъшиносии обӣ ва идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об. Омодасозии чунин курсҳо барои баланд бардоштани савияи илмӣ ва амалии мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ, муҳити зист ва сиёсати хориҷӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.

5. **Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар асоси адабиёт ва сарчашмаҳои дигари мавҷуда раванди таърихии пайдоиш ва ташаккули дипломатияи об ва масъалаҳои вобаста ба он, ҷойгоҳи об дар ташаккули муносибатҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ва таъсири мушкилоти об ба ин муносибатҳо таҳлил гардида, тавсия ва пешниҳодҳои судманд ҷиҳати таҳкими ҳамгироии байналмилалӣ дар соҳаи об манзӯр карда шуда, донишҳои вобаста ба дипломатияи об а танзим ва низоми муайян дароварда шудаанд.

Саҳми шахсии муҳаққиқ бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, муқаррарот ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, таҳияи барномаю модулҳои таълимӣ ва курси лексияҳо барои мактаби олӣ муайян карда мешавад.

Навгонии илмии таҳқиқоти рисолаи номзадӣ дар он зоҳир мегардад, ки бо дарназардошти муракаб гардидани масъалаҳои вобаста ба об дар арсаи ҷаҳонӣ, таъмин ва тақвияти ҳамгироӣ дар соҳаи об беш аз ҳар вақти дигар зарур мебошад. Аммо, то ҳанӯз дар илмҳои сиёсӣ ва амалияи муносибатҳои байналмилалӣ самти пешбурди муносибатҳо дар доираи консепсяи мукаммал мушаххас нагардидааст.

Муаллиф навгонии таҳқиқотро дар шаш банд асоснок намуда, дар доираи Ҳадафҳои рушди устувори СММ ва раванти татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон додааст. Муҳимтарин дастовари илмии муаллиф таҳқиқи дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Ҳамзамон, ибтикороти Президенти Ҷумҳурии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти об, аз ҷумла эълон кардани соли 2003 ҳамчун «Соли байналмилалии оби тоза», соли 2013, «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» барои солҳои 2005–2015, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018–2028, эълони соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо» муқаррар намудани 21 март ва таъсиси «Бунёди мақсадноки ҳифзи пиряхҳо» дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври васеъ инъикос ёфтаанд.

Диссертатсияи Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори СММ ва дурнамои он (солҳои 2003-205)» ба ихтисоси интихобшуда комилан мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 3, 6, 7-и шиносномаи ихтисоси илмии 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна, ки аз ҷониби раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Инчунин диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» аз 26.09.2020, таҳти № 503 мувофиқат менамояд.

Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб бо фарогирии шаш зербоб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва рӯйхати интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия таркиб ёфта, дар ҳаҷми 195 саҳифаи чопӣ таҳия шудааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М]. Назаров Б.Б. Эмомалӣ Раҳмон – асосгузори дипломатияи об дар минтақа ва ҷаҳон [Матн] / Б.Б Назаров. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. –№11(1). – С. 122-127.

[2-М]. Шарипов А.Н., Назаров Б.Б. Хусусиятҳои хоси дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир [Матн] / А.Н. Шарипов, Б.Б. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. – №6 (2). - С.113-121.

[3-М]. Баҳриддинзода Б.Б. Нақш ва ҷойгоҳи Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Б. Баҳриддинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. – №3. – С. 82-87.

[4-М]. Баҳриддинзода Б.Б. Дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар ҳалли мушкилотҳои умумиҷаҳонии обу иқлим [Матн] / Б.Б. Баҳриддинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2026 №4. – С. 134-141.

II. Мақолаҳои ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конфренсияҳо:

[5-М]. Назаров Б.Б. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун асосгузори дипломатияи обӣ [Матн] / Б.Б Назаров. // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар шароити навини геополитикӣ ва дурнамои рушди он» бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатӣ ва Рӯзи кормандони хадамоти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (29 сентябри соли 2023). – Душанбе, ДМТ, 2023. - С. 34-44

[6-М]. Назаров Б.Б. Нақши дипломатияи об дар ҳалли мушкилоти глобалӣ [Матн] / Б.Б Назаров. // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Дурнамои муносибатҳои байналхалқӣ дар қаринаи шиддати рақобатҳои муосир» (5 марти соли 2024). - Душанбе, 2024. – С. 65-74.

[7-М]. Баҳриддинзода Б.Б. Моҳият, ҳадаф ва вазифаҳои дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир [Матн] / Б.Б. Баҳриддинзода // Конференсияи байналмилалии илмю-амалии «Пиряхҳои Тоҷикистон – манбаи захираи обҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирёбии иқлим» бахшида ба «Соли 2025 Соли байналмиллалии ҳифзи пиряхҳо» ва Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо». - Душанбе, 2024. – С. 347-351.

[8-М]. Баҳриддинзода Б.Б. Дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташабусҳои байналмилалии Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / Б.Б. Баҳриддинзода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҳифз ва нигоҳдории пиряхҳо дар шароити тағйирёбии иқлим». - Душанбе, 2025. -С. 161-167.

[9-М]. Баҳриддинзода Б.Б. Нақши дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи ҲРУ-и СММ [Матн] / Б.Б. Баҳриддинзода // Конференсияи байналмилалии илмю-амалӣ «Ҳамкорӣ ба хотири рушди устувор: Сабз. Рақамӣ. Ҳушманд» - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Душанбе, 2026. -С. 161-167

[10-М]. Шарипов А.Н., Назаров Б.Б. Роль водной дипломатии Республики Таджикистан в решении общих проблем современного мира [Матн] / А.Н. Шарипов, Б.Б. Назаров // Международный научный журнал «Вестник науки» г. Тольятти, Россия 2025. Т. 4. № 5 (86). - С. 973-984.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи номзадии Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори СММ ва дурнамои он (солҳои 2003-2025)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна таҳқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи номзадии Баҳриддинзода Бахтиёр Баҳриддин дар мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори СММ ва дурнамои он (солҳои 2003-2025)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи

муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна барои ҳимояи ошкоро ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии ДМТ аз 30 июни соли 2026, таҳти №10 қабул гардид.

Иштирок кардан: ҳамагӣ 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 21 нафар; зид - нест; бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи минтақашиносии
хориҷӣ, н.и.т., дотсент Самиев Х.Д.

Котиби ҷаласа: ассистенти
кафедраи минтақашиносии хориҷӣ Каримова З.М.

Имзоҳои Х.Д. Самиев ва З.М. Каримоваро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
Донишгоҳи милли Тоҷикистон,
Тел.:(+992) 221771Г, факс:2271510
Сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj